**Суратҷаласаи №12.2**

ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA–002 – и назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

аз 18 декабри соли 2024 ш. Кӯлоб

**Иштирок доштанд:** Аз 16 нафар ҳайати Шурои диссертатсионӣ, 13 нафар иштирок доштанд. Аз ҷумла, 3 нафар доктори илм ва 1 нафар доктори фалсафа, дотсент оид ба самти диссертатсияи баррасишаванда.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи Шурои диссертатсионӣ кушода шавад.

Пешниҳод якдилона қабул шуд.

**РӮЗНОМА:**

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Маҷидов Парвизҷон Имомназарович дар мавзуи «Истифодаи шароитҳои психологӣ-педагогӣ дар инкишофи муошрати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050300-Психология (6D050307-Психологияи педагогӣ), тасдиқи муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда.

**ШУНИДА ШУД:** Гузориши раиси Шурои диссертатсионӣ Иззатова М.И. ва раиси комиссияи экспертӣ профессор Ибодов М.О. (хулосаи комиссияи экспертӣ замима мегардад).

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи Маҷидов Парвизҷон Имомназарович дар мавзуи «Истифодаи шароитҳои психологӣ-педагогӣ дар инкишофи муошрати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим» барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D.KOA–002 – и назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ иҷозат дода шавад;
2. Ба сифати **муассисаи пешбар**: Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода интихоб карда шавад ва ба сифати **муқарризони расмӣ**: **Бобоева Сайёра Бобораҷабовна**, доктори илмҳои психологӣ, дотсенти кафедраи психологияи иҷтимоӣ ва касбии муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров"; **Амонов Нодир Қодирович**, номзади илмҳои

психологӣ, дотсенти кафедраи психологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муайян карда шаванд;

3. Барои ҷойгирсозии эълони ҳимоя, нашр ва ҷойгир кардани матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, ҳамчунин нашр ва паҳн кардани автореферат иҷозат дода шавад;

4. Рӯзи ҳимоя 5-уми марти соли 2025, соати 09-00 муайян карда шавад.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-002 - и
назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, доктори
илмҳои педагогӣ, профессор: Иззатова М.И.

Котиби илмии Шурои
диссертатсионии 6D.КОА-002,
номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсент: Қурбонова У.Т.

18.12.2024